«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор________ Гулназарзода Ж.
«___25___» ___октябри___ с. 2021

# ХУЛОСАИ
## Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзӯи “Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода гардидааст.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия (солҳои 2017-2021) Нодирова Мавзуна Акбаршоевна унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Нодирова Мавзуна Акбаршоевна соли 2003 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси рӯзноманигор хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Ба Нодирова Мавзуна Акбаршоевна шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 30-юми декабри соли 2017 таҳти №292-4д, ва 30 – июни соли 2018 таҳти №89-4д дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Сироҷиддини Эмомалӣ – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Иштирокчиёни ҷаласа диссертатсияи мазкурро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод намуданд:

Диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзӯи "Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода" ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини адабиётшиносӣ ва адабиёти муосири тоҷик бахшида шудааст. Мусаллам аст, ки сабки нигориши адибони тоҷик вижагиҳои нотакрори худро дорост, ки метавон якояки онҳоро ба тариқи ҷудогона таҳқиқу баррасӣ намуд. Ин нукта дар диссертатсия махсусан таъкид мешавад, ки масъалаи тасвири як чеҳраи адиб аз ҷониби адиби дигар дар адабиёти тоҷик нав нест ва дар баробари ин муаммоҳои нокушуда дар ин самт ниҳой нашудаанд. Нотакрории паҳлӯҳои гуногуни ин масъала дар он бештар зоҳир мешавад, ки дар асарҳои таърихӣ ва ёддоштӣ доир ба ин ё он адиб ва ё чеҳраи фарҳангӣ сухан рафтааст, ки мухтавои асарҳои мазкурро рангин кардааст. Ҳамзамон, тасвири бадеии симои адабӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби адибони муосир як падидаи тозаи ҳунарӣ буда, маҳз тавассути ҳамин восита паҳлуҳои гуногуни рӯзгор ва вижагиҳои хислатҳои онҳо мушаххасу равшан мегардад. Дар ин росто Сотим Улуғзода аз намоёнтарини адибон ва суханварони муваффақ ба шумор меравад, ки хусусиятҳои чеҳраофариро дар эҷодиёти худ ба таври нотакрор ва муассиру қобили пайравӣ роҳандозӣ намудааст. Маҳз барои ҳамин мубрамият ва муҳиммияти мавзӯи илмии мазкур дар заминаи нуктаҳои зикршуда мушаххас гардида, таҳқиқи тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода бори аввал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва бо ҳамин васила паҳлуҳои дигари мақоми Сотим Улуғзода дар адабиёти муосир чун адиби хушсалиқа мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар баробари ин, вижагиҳои нотакрори насри бадеии адиб, ҳунари портретофарӣ ва маҳорати муколамаофарии Сотим Улуғзода, гуногунрангии тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар

асарҳои адиб, инъикоси воқеаҳои таърихӣ ҷавҳари мубрамияти мавзӯъро тавсеа бахшидааст.

Бо назардошти вазъи феълии таҳқиқу омӯзиши масъалаи таърихияти эҷодиёти нависанда таҳқиқи рисолавии ҷойгоҳи Сотим Улуғзода дар наср, драматургия ва осори синамоии таърихӣ, ҳамчунин муайян кардани хусусиятхои асосии таърихияти осори адиб ҳадафи асосии диссертатсия қарор дода шудааст. Дар доираи диссертатсияи мазкур вазифаҳои муҳим, аз қабили муайян намудани заминаҳо ва марҳилаҳои фароҳам омадани диди таърихии нависанда, алоқамандии масъалаи тасвири чеҳраҳо бо сарнавишти нависанда ва идроки таърих, мушаххас намудани хусусиятҳои таърихияти осори нависанда ва нақши ҳуҷҷати таърих ва хаёли бадеӣ ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии нависанда, таҳқиқи таърихияти диди бадеӣ ва муаммои таърихияти тасвир, вижагии ибрати таърих дар падидории худшиносии таърихӣ ҳалли муваффақонаи худро ёфтаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххас дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ шудааст, ки нахустин маротиба заминаҳо ва марҳилаҳои ба вуҷуд омадани диди таърихии нависанда роҷеъ ба офаридани портрети адабӣ ва фарҳангӣ муайян карда шудаанд. Дар баробари ин, бори аввал нақши тарҷумаи бадеӣ дар ташаккули консепсияи диди таърихии Сотим Улуғзода тавзеҳ ёфта, бори аввал зинаҳо ва хусусиятҳои таърихияти осори нависанда муайян карда шудааст. Муҳаққиқ тавонистааст барои аввалин бор нақши ҳуҷҷати таърих ва хаёли бадеиро ҳамчун унсурҳои фаъоли тафаккури таърихии нависанда ва таърихияти диди бадеии ӯ муайян намояд ва бори аввал равишҳо ва хусусиятҳои шинохт ва тасвири таърихии нависанда дар асарҳои насрии адиб аз қабили “Ривояти Суғдӣ”, “Марги Ҳофиз”, “Восеъ”, “Фирдавсӣ”, драмаҳои “Рудакӣ”, “Ҷавонии Сино”, “Алломаи Адҳам ва дигарон”, “Қисмати шоир” ва “Ибни Сино” арзёбӣ гардад.

Арзиш ва аҳамияти илмию назариявии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонад ба сифати сарчашма дар

таҳқиқи адабиёти ҳамин давра истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонад ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ дар таҳқиқоти адабиёти муосир ва коргоҳи эҷодии адибони ҷудогона аз тарафи муҳаққиқони минбаъда мавриди корбурд ва татбиқ қарор дода шаванд. Ҳамзамон, диссертатсияи мазкур дорои аҳамияти амалии назаррас аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари нависандагии С. Улуғзода ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва, ҳамчунин, ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хизмат намояд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо, маводҳои гуногуни таълимӣ дар самти шинохти чеҳраҳои фарҳангиву таърихӣ дар адабиёти бадеӣ ва, махсусан, дар омӯзиши эҷодиёти С. Улуғзода мавриди истифода қарор дода шаванд. Бо ҳамин тартиб, заминаҳо ва марҳилаҳои ба вуҷуд омадани диди таърихии нависанда роҷеъ ба офаридани портрети адабӣ ва фарҳангӣ, вижагиҳои ҷолиби диққат ва қобили таҳқиқу омӯзиш дар диссертатсияи мазкур ба таври бояду шояд муаррифӣ гардида, собит мешавад, ки накши тарҷумаи бадеӣ дар ташаккули консепсияи диди таърихии Сотим Улуғзода махсусияти назаррас касб кардааст. Дар баробари ин, зинаҳо ва хусусиятҳои таърихияти осори нависанда аз нигоҳи вусъат ва амиқият, фарогирӣ ва гуногунрангӣ нотакрор ва арзишманду ҷолиб ба назар мерасад. Унвонҷӯ собит менамояд, ки таърихияти тасвир ва падидаи худшиносии таърихӣ, мақоми шахсиятҳои фарҳангии таърихӣ дар консепсияи идроки бадеии нависанда ба таври барҷаста ва ҷаззобу муассир ироа карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мутобиқат менамояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда,

адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажӯҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муҳаққиқ муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ дар ҳалли масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ муаррифӣ мешаванд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқшуда 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп намудааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**


**1.** Нодирова, М.А. Ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. - №4/5. – С. 252-255. ISSN 2413-516X;

**2.** Нодирова, М.А. Ҷанбаи таърихии романи «Фирдавсӣ»- и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Маҷалаи илмии «Суханшиносӣ». - 2019.- №1. - С.128-135. ISSN 2308-7420;

**3.** Нодирова, М.А. Маҳорати муколамаофарии Сотим Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – 2018. - №6. - С. 272-276. ISSN 2413-516X;

4. Нодирова, М.А. Рӯдакӣ дар тасвири Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №4. - С. 178- 181. ISSN 2413-516X;
5. Нодирова, М.А. Тасвири бадеӣ ва воқеӣ дар романи «Фирдавсӣ»- и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишкадаи забонҳо. – 2018. - № 2-3 (30-31). – С. 60-65. ISSN 2226–9355;
6. Нодирова, М.А. Маҳорати нақшофарии Сотим Улуғзода дар тасвири Шивочӣ /М.А. Нодирова // Паёми донишкадаи забонҳо 2021.- №2 (42).- С . 146- 150 ISSN 2226–9355;
7. . Нодирова, М.А. Чеҳраҳои таърихӣ дар повести “Ривояти Суғдӣ”/ М.А. Нодирова // Паёми донишкадаи забонҳо 2021.- 3 (43).- С .86 -90 ISSN 2226–9355;

Дар маҷмӯъ, Нодирова Мавзуна Акбаршоевна аз уҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи ӯ кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта дониста мешавад, ки дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои тақвияти назарию амалии омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти тоҷик ва илми адабиётшиносӣ дорои аҳамияти назаррас мебошад.

Дар маҷмӯъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзӯи “Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ

дар эҷодиёти Сотим Улуғзода” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои ҳимоя тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 22- юми октябри соли 2021 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 18 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Суратҷаласаи №3 аз 22 – юми октябри соли 2021.

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои**
**филологӣ, дотсент, мудири кафедраи**
**назария ва таърихи адабиёт** **Шамсов Н. С.**

**Котиби ҷаласа, н.и.ф., дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёт** **Боев Ш. Э.**

**Имзоҳои Шамсов Н.С. ва Боев Ш. Э.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ**
**ба номи С.Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш. М.**

**Суроға: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6.,**
**тел.(+992915480377)232-50-00; E-mail:shamsov1960@mail.ru.**

**26. 10. с. 2021.**